01 10 2018




**25 октябр Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо рохбарону фаъолони вилояти Сугд машварати корӣ доир намуданд.**

Дар машварат вазъи иктисодию ичтимоии вилояти Сугд, чамъбасти рушди бахшхои вилоят дар нух мохи соли 2018, рафти ичрои дастуру супоришхои каблии Хукумати Чумхурии Точикистон, татбики накшаи ободониву бунёдкории шахру нохияхои вилоят барои тачлили сазовори Чашни 30 - солагии Истиклолияти давлатӣ мавриди тахлилу баррасӣ карор дода шуданд.

Зимни суханронӣ Сарвари давлат Эмомалӣ Рахмон рушди бахшхои иктисодию ичтимоии шахру нохияхои вилоятро мавриди тахлили амик карор доданд. Таъкид гардид, ки аз рӯи тахлилхо солхои охир истехсолоти саноатӣ дар вилоят тадричан афзоиш ёфта, дар он сахми сохахои истихрочи маъдан, коркарди ашёи хом ва кишоварзӣ зиёд шуда истодааст. Дар нух мохи соли 2018 афзоиши мачмӯи махсулоти вилоят 107 фоиз ва истехсоли махсулоти саноатӣ кариб 110 фоиз таъмин гардида, хачми онхо мутаносибан ба 12,8 ва 8,1 миллиард сомонӣ баробар шудааст.      Дар вилоят хачми умумии махсулоти кишоварзӣ дар моххои январ - сентябри соли 2018 ба 5,6 миллиард сомонӣ расида, нисбат ба хамин давраи соли 2017-ум 6,6 фоиз, аз чумла дар сохаи рустанипарварӣ 4,4 миллиард сомонӣ ё 7,6 фоиз ва чорводорӣ 1,2 миллиард сомонӣ ё 3,1 фоиз зиёд шудааст.

Макомоти ичроияи хокимияти давлатии вилоят ва шахру нохияхои он барои сари вакт чамъоварӣ намудани хосили пахта, мева ва дигар намудхои махсулоти кишоварзӣ, захираи хачми зарурии махсулот, таъсиси коргоху корхонахои коркарди махсулоти кишоварзӣ, бастубанду содироти он, ташкили гармхонахои нав, бунёди боги мевахои содиротӣ ва мунтазам зиёд кардани майдони кишти сабзавоту картошка вазифадор

карда шуданд.
Президенти мамлакат Эмомалӣ Рахмон таъкид доштанд, ки дар зарфи солхои 2016 - 2017 кисми зиёди лоихахои дар Барномаи рушди ичтимоию иктисодии вилояти Сугд барои солхои 2016 - 2020 ба накша гирифташуда аз чониби макомоти масъул маблаггузорӣ нашудааст. Тибки маълумот дар ин муддат 1,3 миллиард сомонӣ сармояи хоричӣ ба татбики лоихахо чалб гардидааст, ки хамагӣ 28 фоизи накшаро ташкил медихад.
Дар баробари дастовардхо дар бахшхои алохида камбудихо низ ба назар мерасанд ва Сарвари давлат барои ислохи камбудихо, ичрои саривактии вазифахо ба масъулон дастурхои мушаххас доданд.
Президенти мамлакат Эмомалӣ Рахмон ба рохбарияти макомоти ичроияи хокимияти давлатии вилоят ва шахру нохияхо, инчунин, вазорату кумитахои дахлдор супориш доданд, ки камбудихои чойдоштаро дар самти татбики босифату саривактии барномахои гуногуни рушди иктисодиву ичтимоӣ бартараф намоянд.
Вазифахои дигар вобаста ба ичрои саривактию босифати корхои сахроӣ, киштукори такрорӣ, чамъоварии беталафи хосили парваришшуда, рушди сохаи саноат, истифодаи пурраи иктидорхои саноатии корхонахои амалкунанда, бунёди корхонахои нав, таъсиси чойхои нави корӣ, афзоиши истехсоли махсулоти босифату воридотивазкунанда ва таъмини бозорхои дохилӣ бо махсулоти кишоварзӣ ва захираи зарурии маводи озука дода шуданд.
Дар нух мохи соли 2018 аз 614 корхонаи саноатӣ 100 корхона ё аз шумораи умумӣ 17 дарсад бо сабабхои гуногун фаъолият накардааст.  Бинобар ин, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон макомоти ичроияи хокимияти давлатии вилоят ва шахру нохияхои он ва вазорату идорахои дахлдорро вазифадор карданд, ки доир ба фарохам овардани шароит барои баркарор намудани корхонахои аз фаъолият бозмонда, тадбирхои дахлдор андешанд.
Дастурхои дигар доир ба чалби хар чи бештари сармояи дохиливу хоричӣ барои ташкили корхонахои муштараки саноатӣ, тачхизондани корхонахо бо технологияхои муосир ва диверсификатсияи истехсолоту содирот дода шуд.
Дар асоси накшаи ободониву бунёдкории шахру нохияхои вилоят барои тачлили Чашни 30 - солагии Истиклолияти давлатӣ беш аз 6000 иншооти таъйиноти ичтимоиву иктисодӣ ба накша гирифта шудааст, ки хамаи онхо боиси фарохам омадани даххо хазор чойи нави кор, халли бисёр мушкилоти ичтимоии сокинон ва боз хам ободу зебо шудани шахру нохияхо мегарданд.
Бинобар ин, ба рохбарони макомоти ичроияи хокимияти давлатии вилоят ва шахру нохияхои он ва дигар вазорату идорахои давлатӣ супориш дода шуд, ки бунёди иншооти банакшагирифтаро бо риояи меъёрхои хозиразамон, санъати баланди меъморӣ, сари вакт ва босифат таъмин созанд.
Зимни баромади худ Сарвари давлат Эмомалӣ Рахмон масъалахои рушди минбаъдаи шахру нохияхо, бехтар шудани сатхи некуахволии мардум, аз чумла пешрафти сохаи сайёхӣ, таъмин намудани амният, суботу оромӣ, тартиботи хукукӣ ва волоияти конун дар каламрави вилоятро мавриди тахлилу баррасӣ карор дода, сохторхои марбутаро барои пешрафти кор дар ин самтхо ва ислохи камбудихо, волоияти конун, таъмини тартиботи чамъиятӣ вазифадор карданд.
Супоришхо доир ба риояи талаботи конунгузорӣ дар бораи танзими анъана ва чашну маросим, истифодаи сарфакоронаи неруи барк ва фаъолияти мунтазами иншооти

энергетикӣ, захираи маводи сӯхт дар давраи зимистонгузаронӣ дода шуданд.
Президенти мамлакат Эмомалӣ Рахмон сатхи чинояту чиноятkориро дар худуди вилоят тахлил намуда, вобаста ба ислохи камбудихо дар ин самт ва пешгирию кохиш додани сатхи чиноятkорӣ дар назди макомоти хифзи хукук ва макомоти ичроияи хокимияти давлатӣ вазифахои мушаххас гузоштанд.
Дар машварат хисоботи раиси вилояти Сугд Рачаббой Ахмадзода ва раисони як катор шахру нохияхои вилоят оид ба натичаи фаъолияти бахшхои хочагии халки вилоят давоми нух мохи соли 2018, рафти татбики супоришхои Президент ва Хукумати кишвар ва ичрои дигар дастуру хидоятхои Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон шунида шуд.
Дар охири машварат Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо итминон изхор доштанд, ки сокинони мехнаткарини вилояти Сугд минбаъд низ бо сарчамъӣ ва хисси баланди миллӣ барои рушди Точикистони сохибистиклол, ичрои дастуру супоришхои Хукумати мамлакат бахри пешбурди сохахои иктисодию ичтимоӣ бештар талош варзида, дар пешрафти чомеа сахми босазо мегузоранд.